

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

№32 (4928)

ҶУМЪА,
14 МАРТИ СОЛИ 2025

Аз 1 январи соли 1991
чоп мешавад

www.sadoimardum.tj





## САФАРИ ДАВЛАТИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА ҶУМҲУРИИ ҚИРҒИЗИСТОН

**12-уми марти соли 2025 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои анҷом додани сафари давлатӣ ба Ҷумҳурии Қирғизистон сафар карданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шахсони расмӣ гусел намуданд.

Дар ин сафар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро гурӯҳи калони ҳайати расмӣ аз ҳисоби роҳбарони вазорату идораҳои давлатӣ ва дигар шахсони расмӣ ҳамроҳӣ карданд.

**12-уми марти соли ҷорӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сафари давлатӣ вориди шаҳри Бишкеки Ҷумҳурии Қирғизистон шуданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Бишкек меҳмони олиқадр - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро роҳбари кишвари мизбон – Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон муҳтарам Садир Жапаров бо эҳтироми хоса ва гарму самимӣ истиқбол гирифтанд.

Саҳни Фурудгоҳи байналмилалии Бишкек ба хотири пазироии арзандаи меҳмони олимақом - Сарвари давлати Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо парчамҳои давлатии ҳар ду кишвар, аксҳои сарони ҳар ду давлат ва шиорҳои тарангумгари дӯстии мардумони ҳар ду ҳамсоякишвар идона оро ёфта буд.

Ба нишони эҳтирому самимияти хос ба Сарвари давлати мо дар саҳни фурудгоҳ, ҳамчунин, баъзе саҳнаҳои фарҳанги миллии қирғизӣ бо хаймаҳо,



аспҳо, уқобҳои шикорӣ ва рақсу сурудҳои мардумӣ намоиш дода шуд.

Барои истиқбол роҳрави сурх густурда шуда, афсарони горди фахрӣ аз ду тарафи роҳрав саф оростанд.

**12-уми марти соли равон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари давлатӣ дар Ҷумҳурии Қирғизистон ба Боғи миллии «Ала Арча» ташриф оварданд.**

Дар он ҷо сарони ҳар ду давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Садир Жапаров аз Боғи миллии «Ала Арча» ва намоиши фарҳангӣ, ки ба хотири ташрифи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, боздид намуданд.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

## МИРЗО ТУРСУНЗОДА ДАР ШИНОХТИ ЧИНГИЗ АЙТМАТОВ

**Устод Мирзо Турсунзодаро ба унвони шоири тавоно, ходими бузурги ҷамъиятӣ ва қосиду вассофи сулҳу дӯстӣ мешиносем. Устод солҳои зиёд дар Кумитаи якдилии халқҳои Осиё ва Африқо ва кумитаҳои мукофотҳои ленинӣ ва давлатии Иттиҳоди Шуравӣ дар соҳаи адабиёт фаъолият намудааст. Давоми умри пурбаракати хеш Мирзо Турсунзода бо таваҷҷуҳ ба ҷойгоҳе, ки дар фазои фарҳангии собиқ ИҶШС доштааст, бо шахсиятҳои сиёсӣ ва илмию адабии бисёре муносибати эҷодӣ ва дӯстӣ доштааст, ки нависандаи машҳури қирғиз Чингиз Айтматов аз ҷумлаи онҳо мебошад.**

Чингиз Айтматов дар миёни хонандагони тоҷик маҳбубият ва шуҳрати вижа дошта, дӯстдорони каломи ӯ кам нестанд. Перомуни сабку услуб, шахсияти эҷодӣ ва паҳлуҳои гуногуни осори пурқимати адабию публитсистии ӯ дар адабиётшиносии тоҷик мақолаву таҳқиқотҳои зиёд анҷом пазируфтаанд, ки дар муаррифии шахсияти адабии нависанда ва асарҳои ӯ хостаҳои мурочиинро қонеъ намуда, ҷанбаҳои ҳунарии нависандагии ӯро муаррифӣ менамоянд. Ҳамчунин, дар хусуси масоили муносибатҳои адабӣ ва ҳамкориҳои ҷамъиятии нависандаи қирғиз Чингиз Айтматов бо як зумра адибону олимони тоҷик, ба монанди Мирзо Турсунзода, Муҳаммад Осимӣ, Ҷалол Икромӣ, Юсуф Акобиров, Фазлиддин Муҳаммадиев, Лоиқ Шералӣ, Муъмин Қаноат, Гулрухсор Сафиева, Акбар Турсон, Мирсаид Миршакар ва дигарон низ, баҳсҳо сурат гирифтаанд.

Ин ҳусни таваҷҷуҳ дуҷониба буда, Чингиз Айтматов низ ба адабиёти халқи тоҷик ва намояндагони илму фарҳанги мо муносибати самимонае доштааст. Аз ҷумла, адиб дар бораи устод Садриддин Айнӣ ва шоири шинохта Мирзо Турсунзода бархе мақолаю ёддоштҳо нигоштааст, аз ҷумла «Ду устод» («Два устода» (Айнӣ ва Авезов)» («Садои Шарқ»), сухани табрикотии адиб дар маҷаллаи «Садои Шарқ» (соли 1971 ба ифтихори 60-солагии Мирзо Турсунзода), бахшида ба 90-солагии устод Айнӣ «Гуфтор дар шаъни Айнӣ» (соли 1978 дар рӯзномаи «Коммунисти Қурғонтеппа»), мақолаи «Сарзамини шеъру адаб» (соли 1980 дар «Садои Шарқ») ва хотираю муҳаббатномаи ӯ таҳти унвони «Инсони беназир» («Садои Шарқ», соли 1981) нашр гардидаанд. Мақолаи «Инсони беназир» баъдан аз ҷониби Хуршеда Отахонова дар маҷмуаи «Васлгари дилҳо», ки ба муносибати 70-солагии зодрӯзи Мирзо Турсунзода ба табъ расида буд, ҷой дода шудааст.



Дар ин мақола Чингиз Айтматов перомуни шахсияти адабӣ ва паҳлуҳои гуногуни хислатҳои ҳамидаи шоири бузурги тоҷик, вассофи сулҳу дӯстӣ, Қаҳрамони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода ёддоштҳои бисёр муҳим ва дорои аҳамияти бузурги илмию адабиро иброз доштааст, ки дар шинохт ва омӯхтани чеҳраи адабӣ ва шоир барои насли кунунӣ ваояндаи тоҷик маъхази бебаҳоест.

Табиист, ки миёни ин ду чеҳраи бузурги садаи XX – шоири бузургу маҳбуб, «инсони беназир» (таъбир аз Чингиз Айтматов) ва нависандаи соҳибистеъдод ва машҳури қирғиз «Чингизи мо» (таъбир аз Мирзо Турсунзода) дӯстию рафоқати самимона ва эҳтироми хос мавҷуд будааст, ки барои нигоштани чунин хотираю муҳаббатномаи пурарзиш замина гузоштаанд.

Чингиз Айтматов ёддоштҳои хешро аз шабнишиние, ки дар Тошканд, дар хонаи шоир Ғафур Ғулом баргузор гардида будааст, оғоз мекунад. Нависандаи ҷавон бори нахуст адибони машҳури Иттиҳоди Шуравиро дар ҳолати табиӣ ва фориғ аз расмиёт дар он шабнишинӣ мебинад, ки ин фазо ба ӯ таассуроти амиқе бахшида, рӯйдоди фараҳбахше низ будааст.

**(Давомаш дар саҳ. 3)**

## ИЗҲОРОТИ МУШТАРАК

### ОИД БА ТАҲКИМИ МИНБАЪДАИ РИШТАҲОИ ДӮСТӢ ВА НЕКУҲАМСОЯГӢ БАЙНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ ҚИРҒИЗИСТОН

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Жапаров, бар пояи анъанаҳои деринаи дӯстӣ ва эҳтироми мутақобили Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон, бо истинод ба принсипҳо ва уҳдадориҳое, ки дар Аҳднома оид ба муносибатҳои асосии байнидавлатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон аз 12 июли соли 1996 ва Аҳднома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон оид ба муносибатҳои некуҳамсоягӣ ва ҳамшарикӣ аз 26 майи соли 2004 муқаррар шудаанд, бо тасдиқи пойбандии худ ба принсипҳо ва меъёрҳои маъруфи ҳуқуқи байналмилалӣ, ки дар Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид, инчунин, дар шартномаҳои байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон иштирок менамоянд, бо дарназардошти аҳамияти таърихии 30-солагии имзои Аҳднома оид ба муносибатҳои асосии байнидавлатӣ, ки дар соли 2026 таҷлил мешавад, бо итминон ба он ки рушди минбаъдаи ҳамкории ҳамаҷонибаи мутақобилан судманд ҷавобгӯи манфиатҳои асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон мебошад, изҳор менамоянд:

1. Сарони давлатҳо азми худро барои андешидани тадбирҳои зарурӣ барои таҳкими беш аз пеши робитаҳои дӯстӣ ва ҳусни ҳамҷаворӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон тасдиқ мекунанд.

2. Сарони давлатҳо аҳамияти таърихии Шартнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи сарҳади давлатиро, ки зимни сафари давлатӣ ба имзо расидааст, таъкид менамоянд.

Онҳо изҳор менамоянд, ки сарҳади давлатии Тоҷикистон ва Қирғизистон минбаъд сарҳади дӯстии абадии ҳар ду кишвар ва ду халқи бародар боқӣ мемонад.

3. Сарони давлатҳо тасдиқ мекунанд, ки барои рушди тадриҷии ҳамкорӣ дар заминаҳои сиёсӣ, тиҷоратию иқтисодӣ, сармоягузорӣ, илмию техникӣ, фарҳангию гуманитарӣ ва дигар соҳаҳо тадбирҳои маҷмуӣ андешида мешаванд.

Ба ин мақсад зарфиятҳои Шурои ҳамоҳангсозии байнидавлатӣ, ҳайатҳои ҳукуматии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон оид ба делимитатсия ва демаркатсияи сарҳади давлатии Тоҷикистону Қирғизистон ва Шурои вазирони корҳои хориҷӣ мавриди истифодаи пурра қарор хоҳанд гирифт.

4. Сарони давлатҳо қарор қабул карданд, ки Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба баррасии маҷмуи масъалаҳои ҳамкории дуҷониба ба Шурои байниҳукуматии Тоҷикистону Қирғизистон табдил дода мешавад ва онро Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раиси Девони вазирони Ҷумҳурии Қирғизистон роҳбарӣ хоҳанд кард.

5. Сарони давлатҳо мавҷудияти имкониятҳои зиёдро барои тавсеаи заминаи шартномавию ҳуқуқии ҳамкории дуҷониба эътироф мекунанд.

6. Сарони давлатҳо аз рушди минбаъдаи робитаҳои байнипарлумонӣ аз тариқи тавсеаи ҳамкории гурӯҳҳои дӯстии парлумонҳои ҳар ду кишвар ҷонибдорӣ мекунанд.

Онҳо итминон доранд, ки мақомоти олии қонунгузории ҳар ду кишвар минбаъд низ дар рушди ҳамкории гуногунҷанба ва мутақобилан судманд саҳми арзанда мегузоранд.

7. Сарони давлатҳо таъкид менамоянд, ки дар давраи оянда барои рушди босифати ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ тавассути истифодаи самараноки иқтидори иқтисодии ҳар ду кишвар ба мақсади таъмини пешрафт дар ин самт тадбирҳои зарурӣ андешида мешаванд.

Кӯшишҳо барои фароҳам сохтани шароити мусоиди ҳуқуқӣ ҷиҳати амалӣ намудани фаъолияти соҳибкории ширкатҳои ҳар ду кишвар, роҳандозии истеҳсолоти муштарак, рушди барномаҳои муштараки иқтисодӣ, баргузор намудани форумҳои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ, инчунин, дарёфти иқтидори назарраси ҳамкории байниминтақавии ҳар ду кишвар равона карда мешаванд.

8. Сарони давлатҳо аҳамияти рушди ҳамлу нақли транзитии мултимодалӣ ва байнимодалиро байни ҳар ду кишвар ва ба кишварҳои сеюм, таъмини амният ва фаъолияти мунтазами долонҳои нақлиётии байналмилалие, ки аз қаламрави онҳо мегузаранд, таъкид менамоянд.

Аз имзои Созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи сохтмон ва истифодаи роҳҳои мошингард, ободонӣ ва истифодаи чорроҳаи мошингард дар доираи сафари давлатӣ истиқбол мекунанд.

9. Сарони давлатҳо мавқеи ошкоро ва созандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистонро оид ба масъалаҳои обу энергетика тасдиқ намуда, аҳамияти рушди минбаъдаи соҳаи гидроэнергетикаро дар кишварҳои худ ҳамчун манбаи энергияи аз ҷиҳати экологӣ тоза ва барқароршаванда таъкид менамоянд.

Омодагии худро барои идомаи талошҳои зарурӣ ҷиҳати ҳар чӣ зудтар ва пурра ба кор андохтани лоиҳаи интиқол ва савдои неруи барқи Осиёи Марказӣ-Осиёи Ҷанубӣ-1000 (CASA-1000) изҳор медоранд.

Сарони давлатҳо тасмим гирифтанд, ки Комиссияи муштараки Тоҷикистону Қирғизистон оид ба идораи об таъсис дода шавад.

Аз Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Девони вазирони Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи таъмини дастрасӣ ба объектҳои хоҷагии об ва энергетикӣ, ки дар доираи сафари давлатӣ ба имзо расид, истиқбол мекунанд.

10. Сарони давлатҳо ба ҳифзи асолати этникӣ ва забонии халқҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон, инчунин, фароҳам овардани шароити мусоид барои тоҷикони этникии дар ҳудуди Ҷумҳурии Қирғизистон истиқоматкунанда ва қирғизҳои этникии дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқоматкунанда, фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва марказҳои фарҳангии миллӣ дар заминаи ҳифз ва рушди забони модарӣ, фарҳанги миллӣ, анъана ва расму оинҳои онҳо мусоидат мекунанд.

11. Сарони давлатҳо зарурати тавсеаи мунтазами ҳамкориро дар соҳаи гуманитарӣ таъкид мекунанд. Дар ин самт робитаҳо дар соҳаҳои фарҳангу маориф, илм, варзиш, сайёҳӣ ва тандурустӣ таҳким ёфта, табодули ҳайатҳо тавассути воситаҳои ахбори омма, ташкилотҳои илмию таҳлилӣ, ҷамъиятҳои дӯстӣ, дастаҳои ҳунарӣ ва театрӣ таҳким хоҳанд ёфт.

12. Сарони давлатҳо омодагии худро барои ҳамкории минбаъда дар мубориза бар зидди терроризми байналмилалӣ, ифротгароӣ, муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳои онҳо, хариду фурӯши одамон, ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, аз ҷумла дар фазои киберӣ, ҳам дар сатҳи дуҷониба ва ҳам дар доираи сохторҳои байналмилалӣ тасдиқ мекунанд.

13. Сарони давлатҳо омодагии худро барои ҳамкории зичи ҳар ду кишвар дар соҳаи сиёсати хориҷӣ, пешбурди манфиатҳо ва ташаббусҳои мутақобил барои муттаҳидии минтақавӣ ва иртиботи мутақобили байниминтақавӣ ба мақсади таъмини сулҳ, субот ва рушди устувор дар Осиёи Марказӣ изҳор медоранд.

Мулоқоти машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказиро абзори афзалиятнок дар ҷиҳати баррасии ҳамаҷониба ва ҳалли созандаи масъалаҳои дорои хусусияти минтақавӣ арзёбӣ мекунанд.

14. Сарони давлатҳо аҳамияти идомаи ҳамкориро дар доираи Созмони Милали Муттаҳид ва ниҳодҳои он, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ, Созмони ҳамкории Шанхай, Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони ҳамкории иқтисодӣ, Созмони ҳамкории исломӣ ва дигар сохтору форумҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ таъкид мекунанд.

Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон изҳор дошт, ки аз ташаббусҳои ҷаҳонии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои обу иқлим ҷонибдорӣ мекунад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон ҷиҳати пешбурди масъалаҳои рӯзномаи кӯҳӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ ҷонибдорӣ намуд.

15. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз афзалиятҳои раёсати Ҷумҳурии Қирғизистон дар Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ дар соли 2025 пуштибонӣ кард.

Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон ҷонибдории худро аз афзалиятҳои раёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар соли 2025 изҳор намуд.

16. Сарони давлатҳо Ҷашни 80-солагии Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945)-ро ҳамчун рӯйдоди муҳими таърихӣ барои таҳкими фазои ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкорӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ арзёбӣ мекунанд.

17. Сарони давлатҳо ба мувофиқа расиданд, ки ба таври мунтазам муколамаи фаъоли сиёсиро дар робита ба маҷмуи масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафайн идома медиҳанд.

18. Сарони давлатҳо изҳори боварӣ намуданд, ки татбиқи созишномаҳои дар ин изҳорот дарҷшуда ба таҳкими беш аз пеши ҳамкории дуҷониба ва таҳкими робитаҳои дӯстӣ ба манфиати баланд бардоштани некуаҳволии халқҳои тоҷику қирғиз, инчунин, ба таъмини сулҳу субот дар минтақа мусоидат мекунад.

19. Сарони давлатҳо натиҷаҳои таърихии сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба Ҷумҳурии Қирғизистон бо қаноатмандӣ таъкид намуда, изҳори боварӣ мекунанд, ки музокироти муфассал дар рушди минбаъдаи ҳамкории дуҷониба саҳм мегузоранд.

20. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо изҳори сипос аз ҳусни меҳмоннавозии Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон ва тамоми мардуми Қирғизистон Президенти Ҷумҳурии Қирғизистонро даъват намуд, ки бо сафари ҷавобии давлатӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф оварад. Даъват бо хушнудӣ пазируфта шуд. Муҳлати сафар тавассути роҳҳои дипломатӣ мувофиқа карда мешавад.

21. Сарони давлатҳо азми қатъии худро барои ба сатҳи сифатан нав баровардани муносибатҳои Тоҷикистону Қирғизистон ба манфиати халқҳои бародари Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон изҳор медоранд.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Эмомалӣ РАҲМОН**

**Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон**
**Садир ЖАПАРОВ**

**ш. Бишкек, 13 марти соли 2025**

# ИЗҲОРОТИ МАТБУОТИИ

## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН АЗ РӮЙИ НАТИҶАҲОИ МУЗОКИРОТИ ТОҶИКИСТОНУ ҚИРҒИЗИСТОН

**ш. Бишкек, 13 марти соли 2025**



**Ташаккур, муҳтарам Садир Нургожаевич.**

**Муҳтарам намояндагони воситаҳои ахбори омма,**

**Хонумон ва ҷанобон!**

Қабл аз ҳама, мехоҳам бори дигар ба Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон муҳтарам Садир Нургожаевич барои даъват, меҳмоннавозии анъанавӣ ва истиқболи самимӣ изҳори сипос намоям.

Мулоқоту музокироти имрӯза дар фазои созанда ва дар руҳияи ҳамдигарфаҳмию ҳамсоягии нек баргузор гардиданд.

Мо ба таври муфассал маҷмуи масъалаҳои марбут ба муносибатҳои байнидавлатии Тоҷикистон ва Қирғизистонро баррасӣ намудем.

Мо, тавре Садир Нургожаевич таъкид намуданд, ба аҳду созишҳои муҳим даст ёфтем. Ин, пеш аз ҳама, имзои санади таърихӣ - Шартнома оид ба сарҳади давлатӣ мебошад. Ҳамчунин, дигар санадҳои дуҷониба қабул шуданд, ки заминаи ҳуқуқии ҳамкории ҷонибҳоро комилтар мекунанд.

Дар гуфтушунидҳо мо афзалиятҳои ҳамкории муштаракро дар ояндаи наздик муайян карда, бар аҳамияти идомаи муколамаҳои мунтазами сиёсӣ дар сатҳҳои олӣ ва баланд таъкид намудем. Таваҷҷуҳи асосӣ ба татбиқи амалии тадбирҳо доир ба таҳкими бахши тиҷоратию иқтисодии шарикии мо нигаронида шуд. Тоҷикистон ва Қирғизистон дар ин самт имконоти бузург доранд.

Бо дарназардошти ин, мо аҳамияти фаъолтар намудани кори Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба баррасии маҷмуи масъалаҳои ҳамкории дуҷонибаро таъкид намудем ва ба мувофиқа расидем, ки онро ба Шурои байниҳукуматӣ табдил дода, ҳамраисони Шуроро дар сатҳи сарвазирон таъин менамоем.

Мо бар он таъкид намудем, ки нахустин ҷаласаи он дар наздиктарин фурсат баргузор хоҳад шуд.

Мо ба вазорату идораҳои дахлдор супориш додем, ки барои афзоиши ҳаҷми гардиши молу маҳсулот ва дарёфти шеваҳои нави зиёд намудани номгӯйи маҳсулоти мубодилашаванда тадбирҳои зарурӣ андешанд. Барои то ба 500 миллион доллари ИМА расонидани ҳаҷми гардиши мутақобили молу маҳсулот мувофиқа ба даст оварда шуд.

Дар ҷараёни гуфтушунид дурнамои рушди кооператсияи саноатӣ ҳамчун асоси рушди робитаҳои иқтисодии ҳар ду давлат дар оянда мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Мо пешниҳод намудем, ки таҷрибаи ташкили истеҳсолоти муштарак дар бахшҳои ояндадори саноат идома дода шавад. Таъкид кардан бамаврид аст, ки дар айни замон дар Тоҷикистон беш аз 40 корхонаи муштараки Тоҷикистон ва Қирғизистон фаъолият доранд.

Мо, ҳамчунин, имконоти бузурги ҳамкории байниминтақавиро дар комплекси агросаноатӣ таъкид намудем. Ба мувофиқа расидем, ки ҳамкории ҳар ду давлатро дар бахши гидроэнергетика густариш диҳем. Дар ин самт татбиқи лоиҳаҳои минтақавӣ, пеш аз ҳама, CASA - 1000, аҳамияти муҳим дорад. Мо қарор қабул намудем, ки Комиссияи муштараки хоҷагии об таъсис дода шавад. Ҳамчунин, масъалаҳои рушди ҳамкорӣ дар соҳаи нақлиёту коммуникатсия дар маркази таваҷҷуҳи мо қарор доштанд.

Мо бар аҳамияти истифодаи мутақобилан судманд аз имконоти транзитӣ-нақлиётии ҳамдигар бо мақсади таъмини рушди устувори иқтисодиёти ҳар ду кишвар ва дар маҷмуъ, минтақа таъкид намудем.

Ба сохторҳои дахлдор супориш дода шуд, ки барои барқарорсозии хатсайрҳои ҳавоӣ байни ҳар ду кишвар, ҳамчунин, хатсайри автобусҳо, аз ҷумла байни минтақаҳои наздисарҳадӣ, тадбирҳои амалӣ андешанд.

Дар рафти гуфтушунид мо ба робитаҳои фарҳангию гуманитарӣ низ таваҷҷуҳ зоҳир карда, барои рушди ҳамкорӣ дар соҳаҳои илму маориф, фарҳанг, сайёҳӣ, сиёсати ҷавонон ва варзиш андешаҳои худро баён намудем.

Мо, ҳамчунин, хатару таҳдидҳои амниятиро баррасӣ карда, доир ба муборизаи муштарак бар зидди терроризму экстремизм, зуҳуроти радикализм, ҷиноятҳои муташаккили фаромилӣ, аз ҷумла киберҷиноятҳо ва гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар, табодули афкор намудем. Дар ин самт барои таҳкими ҳамоҳангии кори хадамоти махсус ва дигар идораҳои дахлдор ба мувофиқа расидем.

Кишварҳои мо таҷрибаи дастгирии ташаббусҳои ҳамдигарро дар доираи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ идома медиҳанд.

Дар маҷмуъ, натиҷаҳои гуфтушунидҳои имрӯза ба мо имкон медиҳанд, ки ба рушди муносибатҳои кишварҳоямон бо назари нек нигарем.

Имрӯз бо имзои Шартнома оид ба сарҳади Тоҷикистон ва Қирғизистон мо бо муҳтарам Садир Нургожаевич ба мувофиқа расидем, ки дар фурсати наздик Шартнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба пайванди нуқтаҳои сарҳади давлатиро имзо намоем. Имзои ин санадро мо дар доираи таҷлили Ҷашни байналмилалии Наврӯз дар шаҳри бостонии Хуҷанд ба нақша гирифтаем.

Ба мақсади идомаи муколамаи созандаи байнидавлатӣ ман бо камоли эҳтиром аз Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон муҳтарам Садир Нургожаевич Жапаров даъват ба амал меоварам, ки дар фурсати бароящон муносиб ба Ҷумҳурии Тоҷикистон сафари ҷавобии давлатӣ анҷом диҳанд.

**Аз таваҷҷуҳатон сипосгузорам.**

# САФАРИ ДАВЛАТИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА ҶУМҲУРИИ ҚИРҒИЗИСТОН

**(Идома аз саҳ. 1)**

Бояд гуфт, ки Боғи миллии «Ала Арча» дар баландии 2000 метр аз сатҳи баҳр дар масофаи 40 километр дуртар аз пойтахти Қирғизистон - шаҳри Бишкек қарор дорад. Он дар мавзеъҳои зебои табиат қарор дошта, барои сайру саёҳат маҳали дилфиреб аст.

Сарони давлатҳо зимни ташриф ба он ҷо аз манзараҳои дилкаши боғ ва намоиши ҳунарҳои мардуми қирғиз боздид намуданд.

Президенти кишвари мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ҳунармандон суҳбати самимӣ доир карда, ба ҳунарҳои воло ва маҳсули дастони онҳо баҳои баланд доданд.

**13-уми марти соли 2025 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷмааи таърихӣ ва ёдгории «Ата-Бейит» ташриф оварданд.**

Сарвари давлат ба нишони эҳтиром ва гиромидошти таърих ва адабиёти мардуми қирғиз дар пояи муҷассамаи «Уркун» ва мақбараи нависандаи маъруф Чингиз Айтматов гулчанбар гузоштанд.

**13-уми марти соли равон маросими истиқболи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҷмааи биноҳои нави Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон баргузор гардид.**

Мошини Сарвари давлати Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро савораҳо бо аспҳои ба таври хоси миллӣ ороёфта ҳамроҳӣ намуданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон муҳтарам Садир Жапаров гарму самимӣ истиқбол гирифта, ба болои шоҳсуфаи фахрӣ даъват намуданд.



Маросими истиқболи расмӣ бо саф кашидани ҷузъу томҳои горди фахрӣ ва оркестри низомии асбобҳои нафасӣ, гузориши фармондеҳи горд, садо додани сурудҳои миллии ҳар ду кишвар ва шиносоӣ бо аъзои ҳайатҳои расмӣ ҷараён гирифт.

**13-уми марти соли ҷорӣ пас аз анҷоми маросими истиқболи расмӣ музокироти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон бо иштироки ҳайатҳои расмӣ доир шуд.**

Дар ҷараёни гуфтушунидҳо масоили вобаста ба муносибатҳои Тоҷикистону Қирғизистон ва дурнамои рушди онҳо батафсил баррасӣ шуд.

Ба масъалаҳои афзун намудани робитаҳои иқтисодиву тиҷоратӣ ва истифодаи имконоти ҳар ду кишвар дар ин самт таваҷҷуҳи хос зоҳир гардид.

Дар рафти гуфтушунидҳо сарони давлатҳо ба қарор омаданд, ки шурои байниҳукуматӣ бо роҳбарии сарвазирон таъсис дода шавад. Ба ин ниҳоди нав дастур дода шуд, ки ҳаҷми тиҷорати дуҷонибаро то ба 500 миллион доллар расонад.



Густариши муносибатҳо дар бахши ояндадори саноат, ташкили корхонаҳои муштарак, ҳамкорӣ дар соҳаҳои кишоварзӣ, энергетика, татбиқи лоиҳаҳои минтақавӣ, пеш аз ҳама CASA-1000, истифодаи захираҳои об, рушди робитаҳои нақлиёту коммуникатсия, истифодаи мутақобилан судманди имконоти транзитӣ ва нақлиётӣ аз масъалаҳои муҳими музокироти сатҳи олии ҳар ду кишвар буд.

Дар мулоқот ба идораҳои дахлдор супориш дода шуд, ки барои барқарор кардани ҳаракати ҳавоӣ байни кишварҳо, инчунин, хатсайрҳои нақлиёти мусофиркаш, аз ҷумла байни ноҳияҳои наздисарҳадӣ, чораҳои амалӣ андешанд.

Тавсеаи ҳамкорӣ дар соҳаҳои фарҳангию гуманитарӣ, илму маориф, сайёҳӣ, ҷавонон ва варзиш аз мавзуъҳои муҳими музокирот буд. Ҳамчунин, ба масъалаҳои муборизаи муштарак бо терроризму ифротгароӣ, зуҳуроти радикализм, ҷиноятҳои муташаккили фаромарзӣ, аз ҷумла киберҷинояткорӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, табодули афкор сурат гирифт.



**13-уми марти соли 2025 аз рӯйи натиҷаҳои гуфтушунидҳои сарони давлатҳои Тоҷикистону Қирғизистон маросими имзои санадҳои дуҷониба доир гардид. Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Садир Жапаров зери Изҳороти муштарак доир ба таҳкими минбаъдаи дӯстӣ ва ҳамсоягии наку ва Шартнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи сарҳади давлатӣ имзо гузоштанд.**

**Ҳамагӣ 16 санади нави ҳамкорӣ ба имзо расид:**

- Ёддошти тафоҳум миёни Агентии содироти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Муассисаи давлатии «Марказ оид ба рушд ва пешбурди содирот «Қирғиз содирот»»-и назди Вазорати иқтисод ва тиҷорати Ҷумҳурии Қирғизистон;
- Ёддошти тафоҳум миёни Кумитаи бехатарии озуқаворӣи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Инспексияи давлатии бехатарии байторӣ ва фитосанитарии назди Девони вазирони Қирғизистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи байторӣ;
- Протокол миёни Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти давлатии гумруки назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Қирғизистон оид ба ташкили мубодилаи иттилооти пешакӣ дар бораи молу воситаҳои нақлиётӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон;
- Барномаи ҳамкорӣ миёни ноҳияи Лахши Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ноҳияи Чон-Алайи вилояти Оши Ҷумҳурии Қирғизистон дар соҳаҳои тиҷоратию иқтисодӣ, илмию техникӣ ва фарҳангӣ барои солҳои 2025-2027;
- Барномаи ҳамкорӣ миёни вилояти Оши Ҷумҳурии Қирғизистон ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои иқтисоду савдо ва фарҳангу гуманитарӣ барои солҳои 2025-2030;
- Созишнома дар бораи истиқрори муносибатҳои бародаршаҳрӣ миёни шаҳри Душанбеи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳри Бишкеки Ҷумҳурии Қирғизистон;
- Барномаи ҳамкорӣ миёни Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии давлатии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши назди Девони вазирони Ҷумҳурии Қирғизистон дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш барои солҳои 2025-2027;
- Барномаи ҳамкорӣ миёни Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати фарҳанг, иттилоот ва сиёсати ҷавонони Ҷумҳурии Қирғизистон дар соҳаи сиёсати ҷавонон барои солҳои 2025-2027;
- Ёддошти тафоҳум миёни Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии давлатии меъморӣ, сохтмон ва хоҷагии манзилию коммуналии назди Девони вазирони Ҷумҳурии Қирғизистон оид ба ҳамкорӣ дар самти таъмини тобоварӣ ба зилзила, рушди технологияҳои самаранокии энергияи «сабз» ва шаҳрсозӣ, инчунин, рақамикунонии раванди сохтмон;
- Ёддошти тафоҳум миёни Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати иқтисод ва соҳибкории Ҷумҳурии Қирғизистон дар соҳаи саноат ва технологияҳои нав;
- Ёддошти тафоҳум миёни Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Қирғизистон оид ба ҳамкорӣ ва табодули маълумот дар соҳаи назорати шахсоне, ки бо амалиёт (аҳдҳо) бо сангу металлҳои қиматбаҳо, оид ба масъалаҳои муқовимат ба маблағгузории фаъолияти террористӣ ва қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда машғуланд;
- Созишнома миёни Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати захираҳои об, кишоварзӣ ва саноати коркарди Ҷумҳурии Қирғизистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ;
- Созишнома миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Девони вазирони Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи таъмини дастрасӣ ба объектҳои хоҷагии об ва энергетикӣ;
- Созишнома миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи сохтмон ва истифодабарии роҳҳои мошингард, ободонӣ ва истифодаи чорроҳаи мошингард.



**13-уми марти соли равон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон муҳтарам Садир Жапаров дар маросими маҷозии бозкушоии ду гузаргоҳ дар сарҳади давлатии Тоҷикистон ва Қирғизистон иштирок намуданд.**

Мувофиқи амри сарони ҳар ду давлат дар назар аст, ки рафтуомади нақлиёти заминӣ ва ҳавоӣ барқарор гардад.

Маросим бо иштироки роҳбарият ва сокинони вилоятҳои наздисарҳадии Тоҷикистону Қирғизистон баргузор шуд.

**13-уми марти соли ҷорӣ пас аз анҷоми музокирот муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Садир Жапаров дар назди намояндагони воситаҳои ахбори омма бо изҳорот суханронӣ карданд.**

Сарони ҳар ду давлат ба натиҷаҳои музокироти расмӣ баҳои баланд дода, аз ҷумла изҳор доштанд, ки аз 14 марти соли 2025 хатсайрҳои ҳавоӣ миёни Тоҷикистону Қирғизистон бозкушоӣ шуда, ширкати «Сомон Эйр»-и Тоҷикистон нахустин парвози худро дар масири Душанбе-Бишкек-Душанбе анҷом медиҳад.

**13-уми марти соли 2025 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари давлатӣ дар Ҷумҳурии Қирғизистон бо Торагаи (Раиси) Жогорку Кенеши (Парлумони) ин кишвар Нурланбек Шакиев мулоқот намуданд.**

Сарвари давлати мо нақши мақомоти қонунгузорро дар рушди ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ таъкид намуданд.

Таъкид гардид, ки дипломатияи парлумонӣ метавонад ба рушди минбаъдаи ҳамаи муносибатҳои байнидавлатии Тоҷикистону Қирғизистон такони иловагӣ бахшад.





Бо қаноатмандӣ ҳамкории созандаи ҳар ду кишвар дар доираи гурӯҳҳои дӯстии парлумонӣ ва созмонҳои байналмилалию минтақавии парлумонӣ қайд карда шуд.

**13-уми марти соли равон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари давлатӣ ба Ҷумҳурии Қирғизистон бо Раиси Девони вазирони Ҷумҳурии Қирғизистон Адилбек Касималиев мулоқот намуданд.**



Дар воҳӯрӣ масоили мубрами рушди муносибатҳои Тоҷикистону Қирғизистон бо таваҷҷуҳ ба иҷрои тавофуқоти дар ҷараёни сафари давлатӣ ҳосилшуда дар соҳаи тиҷорату иқтисод баррасӣ гардид.

Доир ба ҳамкории ҳар ду кишвар дар соҳаҳои тиҷорату иқтисод, кишоварзӣ, энергетика ва сармоягузорӣ табодули афкор сурат гирифт.

Таваҷҷуҳи махсус ба масоили таъсиси корхонаҳои муштарак дар бахшҳои ояндадори саноат, ташкили намоишгоҳҳо ва форумҳои тиҷоратӣ, ба роҳ мондани ҳамкории зичу пурсамар миёни минтақаҳо, бахусус маҳалҳои наздисарҳадӣ, зоҳир гардида, ба мавзуи барқарорсозии хайтсайрҳои ҳавоии мусофиркашонӣ миёни шаҳрҳои ҳар ду кишвар диққати махсус дода шуд.

Рушди ҳамкориҳои фарҳангию гуманитарӣ, бахусус дар бахшҳои илм, маориф, сиёсати ҷавонон, сайёҳӣ ва варзиш, аз масъалаҳои дигари суҳбат буд.

**Бегоҳии рӯзи 13-уми марти соли ҷорӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сафари давлатии худро ба Ҷумҳурии Қирғизистон ба анҷом расонданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Бишкек Сарвари давлати мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон муҳтарам Садир Жапаров гусел намуданд.

Сафари давлатии Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Қирғизистон ду рӯз идома ёфт.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон ва дигар шахсони воломақом гуфтушуниди муфассал анҷом доданд.

Аз рӯйи натиҷаи ҳамоиши Тоҷикистону Қирғизистон дар сатҳи олӣ 16 санади нави ҳамкорӣ ба имзо расид, ки муҳимтарини онҳо Шартнома миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи сарҳади давлатӣ мебошад.

---

**www.prezident.tj**

# ИСТИҚБОЛИ ҶОМЕАИ ҶАҲОНӢ АЗ ИМЗОИ ШАРТНОМА БАЙНИ ТОҶИКИСТОНУ ҚИРҒИЗИСТОН ДАР БОРАИ САРҲАДИ ДАВЛАТӢ



## СОЗМОНИ МИЛАЛИ МУТТАҲИД

**Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид Антониу Гутерриш аз имзои Шартнома дар бораи сарҳади давлатӣ аз ҷониби президентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон 13 марти соли 2025 дар шаҳри Бишкек самимона истиқбол менамояд. Дар ин хусус 13 март котиби матбуоти Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид Стефан Дюжаррик изҳор дошт.**

Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид Антониу Гутерриш ду давлатро бо ин дастоварди таърихӣ таҳният гуфта, роҳбарӣ, азми қавӣ ва иродаи сиёсии онҳоро барои муваффақона ба анҷом расонидани раванди музокироти дарозмуддат баланд арзёбӣ намудааст.

«Дабири кулл ба ҳамкории устувори созанда байни ду давлат барои таҳкими эътимоди мутақобил, муносибатҳои неки ҳамсоягӣ ваояндаи осоиштаи мардумони онҳо ва тамоми минтақа умед дорад», - тазаккур дод котиби матбуоти Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид.

## СОЗМОНИ АҲДНОМАИ АМНИЯТИ ДАСТҶАМЪӢ

**Котиботи Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ (СААД) аз имзои Шартнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи сарҳади давлатӣ истиқбол намуд. Дар ин хусус котиботи ин созмон хабар додааст.**

«Бо шарофати талошҳои пайваста ва иродаи сиёсии сарони ду давлат имкон пайдо шуд, ки оид ба гузариши хати сарҳади давлатӣ дар тамоми дарозии қариб ҳазоркилометрии он созиш ҳосил шавад», - омадааст дар изҳороти котиботи созмон.

Ҳалли масъалаҳои сарҳадӣ, бешубҳа, қадами муҳим дар роҳи таҳкими ҳамкории минтақавӣ, баланд бардоштани амният дар минтақаи масъулияти Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ ва иҷрои босамари вазифаҳои асосии он мегардад.

Котиботи Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ изҳори боварӣ намудааст, ки шартномаи баимзорасида барои рушди минбаъдаи дӯстӣ ва муносибатҳои неки ҳамсоягӣ байни миллатҳои бо ҳам дӯсту бародари Тоҷикистон ва Қирғизистон, инчунин, рушди иқтисодӣ ва инкишофи мутаносиби ҷамъиятҳои ҳар ду давлат хизмат менамояд.

## СОЗМОНИ ҲАМКОРИИ ШАНХАЙ

**Созмони ҳамкории Шанхай 13 марти соли 2025 ба имзо расидани Шартнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи сарҳади давлатиро, ки таҷассумгари иродаи неки тарафҳо оид ба ҳалли масъалаҳо бо роҳи осоишта дар руҳияи машваратҳои баробар, ҳамдигарфаҳмӣ ва эҳтиром мебошад, истиқбол менамояд. Дар ин хусус котиботи созмон иттилоъ додааст.**

«Давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай аҳамияти хосаи шартномаи имзошударо таъкид намуда, онро саҳми арзанда дар пойдории сулҳ, таъмини амният ва субот дар фазои Созмони ҳамкории Шанхай арзёбӣ менамоянд», - таъкид шудааст дар баёнияи котиботи Созмони ҳамкории Шанхай.

Ёдовар мешавем, ки 13 март аз рӯйи натиҷаҳои мулоқоту музокироти сатҳи олии Тоҷикистону Қирғизистон сарони давлатҳо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Садир Жапаров зери Изҳороти муштарак доир ба таҳкими минбаъдаи риштаҳои дӯстӣ ва некуҳамсоягӣ ва Шартнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи сарҳади давлатӣ имзо гузоштанд, ки ин иқдоми наҷиб на танҳо аз ҷониби сокинони ду давлат, балки аз тарафи кишварҳо, созмонҳои байналмилалӣ ва ҷомеаи ҷаҳонӣ гарму самимӣ истиқбол шуд.

**«Садои мардум»**

# ШОМИЛШАВИИ ҶАВОНОН ПЕШГИРӢ МЕШАВАД, АГАР...

**Дар ҷаҳони муосир терроризм ва экстремизм ба проблемаи умумибашарӣ табдил ёфта, инкишофи муътадили давлатҳо ва амнияти онҳоро халалдор месозад. Ҷаҳонишавии ин зуҳуроти номатлуб Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро водор намудааст, ки баҳри пешгирӣ ва мубориза бо терроризм ва экстремизм як қатор санадҳои ҳуқуқиро қабул намояд.**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 13-уми марти соли 2018 дар мулоқот бо кормандони прокуратура зикр карданд, ки «Экстремизм ва терроризм аз ҷумлаи хатарҳои торафт вусъатёбандаи ҷаҳони муосир буда, мубориза бар зидди онҳо ҳамеша дар сархати вазифаҳои муҳимтарини мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ қарор дорад».

Дар ин раванд, аз ҷониби Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020» таҳия гардида, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 ноябри соли 2016 қабул шуда, дар панҷ соли охир дар доираи амалисозии стратегияи мазкур чунин корҳо ба анҷом расиданд:

- ҳамкорӣ байни шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, иштироки фаъоли мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии шаҳраку деҳот дар пешгирии экстремизм ва терроризм таъмин шуда, заминаҳои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ин самт ташаккул ёфт;

- фаъолият доир ба пешгирии экстремизм беҳтар шуда, дар байни аҳолӣ чорабиниҳои фаҳмондадиҳӣ роҳандозӣ ва як силсила маводи иттилоотию роҳнамоикунанда ба табъ расид;

- сабабу омилҳои ба тундгароӣ ва экстремизм мусоидаткунанда аз ҷониби ниҳодҳои миллӣ ва созмонҳои байналмилалӣ мавриди тадқиқ қарор гирифт;

- нақши соҳаи маориф дар пешгирии тундгароӣ баланд бардошта шуда, ба барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва олии касбӣ фанҳои ба омӯзиши таърихи дин, омилҳо ва механизмҳои ба миён омадани низоъҳои мазҳабӣ ва сиёсӣ равонашуда, инчунин, курсҳои махсус оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм ворид гардид;

- дар воситаҳои ахбори омма нашри пайвастаи мавод доир ба экстремизм ва терроризм ва хатари онҳо ба амнияти миллии кишвар ба роҳ монда шуд;

- дар сохтори Прокуратураи генералӣ ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ воҳидҳои мубориза бо ҷиноятҳои алоқаманд бо истифодаи технологияҳои иттиллотӣ-телекоммуникатсионӣ таъсис ёфт;

- баҳри пешгирии паҳншавии ғояҳои экстремистӣ дар муассисаҳои ислоҳӣ иқтидори воҳидҳои тарбиявӣ ва методӣ-пешигирикунандаи ин муассисаҳо пурзӯр ва баланд карда шуд;

- ба қонунгузории ҷиноятӣ як қатор тағйиру иловаҳое ворид шуданд, ки ба ҷиноят эътирофкунии (криминализатсияи) кирдорҳои нав ва пурзӯр намудани ҷавобгарӣ барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистию террористидошта равона гардидаанд;

- дар раванди тақвияти заминаҳои ниҳодии мубориза бо экстремизм ва терроризм дар сохтори Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон раёсати муқовимат ба терроризм ва экстремизм таъсис ёфта, ситоди байниидоравӣ оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти хадамоти оперативӣ ва воҳидҳои тафтишотӣ, инчунин, ошкор ва тафтиш намудани ҷиноятҳои марбут ба ҷалбкунии шаҳрвандон ба сафи ташкилотҳои террористӣ созмон дода шуд;

- дар натиҷаи тадбирҳои андешидаи Ҳукумати мамлакат аз минтақаҳои ҷангзадаи кишварҳои Сурияву Ироқ зиёда аз 300 шаҳрванди Тоҷикистон, инчунин, 84 кӯдаки ноболиғ баргардонида шуда, ҷиҳати таъминоти моддию равоншиносӣ ва ба ҳаёти муқаррарӣ баргардонидани онҳо чораҳо андешида шуданд. Шаҳрвандоне, ки ихтиёран аз иштирок дар низоъҳои ҳарбӣ дар ҳудуди дигар кишварҳо даст кашида, ба Ватан баргаштанд, инчунин, шаҳрвандоне, ки ихтиёран аз иштирок дар ташкилотҳои экстремистию террористии фаъолияташон дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори суд манъшуда даст кашидаанд, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод гардиданд.



Дар баробари ин, аз ҷониби Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳое, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 январи соли 2021 зикр гардиданд, лоиҳаи нави «Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» таҳия шуда, ҳоло мавриди амал қарор дорад.

Дар паёмҳои ҳарсолаи Президенти ҷумҳурӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доимо таъкид мегардад, ки ҳисси баланди миллӣ, худшиносиву худогоҳӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва садоқати ҷавонони мо ба Ватан, миллат ва обу хоки сарзамини аҷдодӣ гарави амнияту осоиши ҷомеа, пешрафти давлат ва ободии имрӯзу фардои Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошад. Дар ин сурат шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ғайриқонунӣ пешгирӣ мегардад.

**М.А. ЗИЁЗОДА,**
**прокурори раёсати назорати иҷрои қонунҳо дар мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушовири адлияи дараҷаи 2**

# МИРЗО ТУРСУНЗОДА ДАР ШИНОХТИ ЧИНГИЗ АЙТМАТОВ

**(Идома аз саҳ. 1)**

Мирзо Турсунзода солҳои зиёд раисии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистонро ба уҳда дошт ва дар ин муддат бисёре аз шоирон ва нависандагони навқаламро дастгирӣ намудааст, ки ин хидмати беназирест ба адабиёти тоҷик ва дар маҷмуъ, барои миллати тоҷик. Ҳамчунин, ин амр аз он шаҳодат медиҳад, ки Мирзо Турсунзода дорои хислатҳои олии инсонӣ, хайрхоҳӣ, дилу нияти пок ва олиҳимматӣ будааст. Ҳамин вижагии хислати шоир – дастгирӣ ва ёрӣ аз адибони ҷавону навқаламро Чингиз Айтматов дар симои хеш эҳсос намуда, чунин ба ёд овардааст: «Ба хотир дорам, ки Мирзо Турсунзода дар он шаб чандин бор ба ман таваҷҷуҳ ва илтифот карда, гуфт, ки дар байни мо нависандаи ҷавоне ҳузур дорад, ки аз ӯ умедҳои калон чашм дошта метавонем».

Устод Мирзо Турсунзода донандаи хуби таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ буд ва таъсири онро дар осори шоир бахубӣ мушоҳида менамоем. Мирзо Турсунзода дар марҳалаи аввали шоириаш, баъзан, ба сабку услуби классикӣ шеърҳои тақлидӣ низ эҷод намудааст, ки онро худи шоир низ эътироф кардааст: «… Ин шеъри тақлидист, ки дар солҳои ҷавонӣ ба ғазалсароёни гузашта пайравӣ карда навиштаам:

**Қадат он қадр, ҷонон, лаҳзаи**
**рафтор мезебад,**
**Ки баҳри пойандозат фақат гулзор**
**мезебад.**
**Ту механдию гул сад бор мегардад**
**фидои ту,**
**Ту лаб во мекунию лаъл миннатдор**
**мезебад».**

Вале, баъдан, Мирзо Турсунзода сабку услуби худро пайдо намуд, махсусан дар ашъори ғиноии ӯ образҳо ва сужаҳои наву тоза пайдо шуданд, ки шоирро маҳбубу машҳур гардонданд. Ҳамин таҷрибаи хешро ба назар гирифта, устод ҳамеша ба шоирони навқаламу ҷавон маслиҳат медод, ки ба тақлиди кӯр-кӯрона дода нашуда, аз адабиёти бою ғании классикии форсу тоҷик баҳра бардошта, ашъори хешро обуранги бадеӣ дода, музайян созанд. Ба ҳамин нукта дар ёддошти Чингиз Айтматов чунин ишора шудааст: «Ӯ борҳо дар баромадҳояш, дар суҳбатҳояш бо ман гуфта буд, ки баъзе шоирони ҷавон дар бораи назми гузаштагон ё тасаввури мубҳам доранд, ё ин ки шаъшааи азамати онҳо пеши чашмонашонро гирифтааст ва бинобар ин ба классикон соф шогирдона тақлид мекунанд. Мирзо Турсунзода устоди бузург ва моҳире буд ва чӣ будани тақлиди кӯр-кӯронаро, ба тарз ва услуби гузаштагон мутобиқ кунондани назми ҳозираро нағз медонист».

Аз ёддоштҳои Чингиз Айтматов бармеояд, ки устод Мирзо Турсунзода солҳои фаъолият дар кумитаҳои мукофотҳои ленинӣ ва давлатӣ дар соҳаи адабиёт ҳеҷ гоҳ аз мавқеи худ сӯиистифода накарда, ҳамеша кӯшиш менамудааст, ки беадолатиҳо ба амал наоянд ва шахсони арзанда сазовори ин мукофоти олӣ дониста шаванд: «Мирзо Турсунзода дар комитетҳои мукофотҳои ленинӣ ва давлатӣ эҳтироми басо зиёде дошт, вале аз ин мавқеи худ ҳаргиз сӯиистифода намекард, фикри худашро ба дигарон ҳатман қабул кунонданӣ намешуд. Аммо, вақте ки баромада фикр баён кардан, ақидаи худро ба миён ниҳодан, ба таклифе ислоҳ даровардanro лозим медонист ва баҳо додан ба он ё ин асар, хусусан асарҳои манзум ва драматургия, лозим меомад, сухани вай вазни махсусе дошт».

Дар бораи хислатҳои наку, табиати нарм ва одобу рафтори устод Мирзо Турсунзода бисёр гуфтаанд ва навиштаанд, дар ҳамин радиф Чингиз Айтматов чунин ибрози назар намудааст: «Дар айни замон табиати мулоим, лабхандҳои ӯ ба ҳама маълум аст. Симои вай дар хотирам ҳамин хел нақш бастааст. Вай дар ҳар як мулоқот касро бо рӯи кушода ва табассум пешвоз мегирифт».

Чеҳраи кушод ва лаби пурхандаи Мирзо Турсунзода ба инсон боварию тамкинро мебахшидааст, яъне «ӯ ба дили кас итминон ва оромии хотир илқо мекард».

Чуноне ки дар фавқ низ зикр кардем, устод Мирзо Турсунзода аз адабиёти оламшумули форсии тоҷикӣ огоҳии зиёд дошт ва ин амр на танҳо дар ашъори шоир таъсир гузоштааст, балки нутқи ӯро низ ҷаззобу муассир гардонда буд. Ҳамин нуктаро Чингиз Айтматов дар ёддошташ нақл намудааст, ки дар шабнишинии мазкур Мирзо Турсунзода бо дониши васеъ ва азёд донистани ғазалу порчаҳои шеърӣ аз ашъори классикон аҳли нишастро мафтун кардааст: «Мирзо Турсунзода ва Ғафур Ғулом дар донистани назми форсӣ гӯё ба ҳамдигар мусобиқа доштанд. Онҳо мувофиқи ҳар маврид, дар сари ҳар як гап аз адабиёт мисол меёфтанд, ривояте, ҳикояте ё аз масал нақл мекарданд».

Шоири бузург, вассофи сулҳу дӯстӣ Мирзо Турсунзода ба забони модарии хеш, арҷ ва эҳтироми хосае дошт. Дар тамоми маврид устод аввал бо забони модарӣ, яъне бо забони ширину ноби равони тоҷикӣ, бо як тарзи фавқулода зебо ва гӯшнавоз шеърҳояшро қироат мекард ва баъд ба забони русӣ: «Ӯ дар мавриди шеър хондан, аввал бо забони модарӣ хонда, баъд ба русӣ тарҷума карда додани шеърҳои худро дӯст медошт. Ман калимаҳои алоҳида, термин ва баъзе суханҳои дар забонҳоямон умумиро мефаҳмидам ва шеър хондани вай ба ман завқи махсусе мебахшид ва дар бисёр маврид ба ин фикр меомадам, ки шеърҳои вай нафақат ҳиссиётпарвар, балки ба ҳамон андоза хирадомӯз низ мебошанд».

Мусаллам аст, ки дар даврони Иттиҳоди Шуравӣ миёни кишварҳои бародар даҳаҳо ва рӯзҳои адабиёт баргузор мешуданд, ки ба муносибати онҳо дар рӯзномаю маҷаллаҳо хабару гузориш ва мақолаю муколамаҳо нашр мегардиданд ва асару китобҳои нависандагону шуарои он кишварҳо тарҷума ва чоп мешуданд. Дар Тоҷикистон низ Даҳаи адабиёти қирғиз чандин маротиба баргузор гардида буд, ҳамчунин, дар Қирғизистон низ Даҳаи адабиёти тоҷик. Аз барпо шудани чунин рӯйдоди фарҳангӣ Чингиз Айтматов чунин ёдоварӣ намудааст: «Ман боз ду мавриди мулоқоти худро бо Мирзо ба ёд меорам. Яке дар рӯзҳои Даҳаи адабиёти қирғиз дар Тоҷикистон ва дигаре дар Даҳаи адабиёти тоҷик дар Қирғизистон. Мирзо дар фурудгоҳи Душанбе ҳайати вакилони моро пешвоз гирифт ва баъд аз дар меҳмонхона ҷобаҷо шуданамон ба аҳволпурсии мо омад. Ӯ хеле мехост, ки мо чӣ хел кишвари зебо будани ин сарзамин ва чӣ хел одамони дилкушод ва хуб будани ҳамдиёронашро ҳис карда бошем».

Аз фурудгоҳ шахсан пешвоз гирифтани меҳмонон, баъд аз аҳволи онҳо хабар гирифтан, бори дигар аз хислатҳои волою инсонпарваронаи устод Мирзо Турсунзода шаҳодат медиҳад.

Боиси зикр аст, ки Чингиз Айтматов низ дорои чунин хислатҳои бузурги инсонӣ буда, шахси хоксор ва заминӣ буд. Дар робита ба ин масъала донишманд Акбар Турсон, ки аз дӯстони наздики нависандаи қирғиз мебошад, дар яке аз мусоҳибаҳояш чунин гуфтааст: «Худораҳматӣ шахси ниҳоятдараҷа хоксор буд. Ҳар ду дафъаи ба меҳмонӣ омаданам худаш баромада пешвоз гирифту худаш бароварда гусел кард».

Чингиз Айтматов худро беҳад хушбахту сарфароз мешумурдааст, ки бо чунин шахсияти бузурге чун устод Мирзо Турсунзода солҳо риштаи дӯстиву ҳамкорӣ доштааст. Ӯ боз аз он сарфароз будааст, ки устод Мирзо Турсунзода ӯро бо аҳли фазлу адаби тоҷик шахсан шинос менамудааст: «Моро бо муҳаббати зиёд, бо ғамхорӣ ва ифтихор бо ҳамдиёронаш шинос мекард, дар бораи намояндагони соҳаҳои гуногуни ҳаёти халқи тоҷик гап мезад. Бо ҳамин восита, ман бо Муҳаммад Осимӣ ва бо Муъмин Қаноат ошноӣ пайдо кардам. Ӯ ба шоир Гулрухсор Сафиева низ баҳои баланд медод. Ӯ боре Гулрухсорро бо ман шиносонд. Чунон ки ҳоло мебинам, вай дар шахси шоирҳою олимони Тоҷикистон маро бо ҳамдиёрони сазовори худ шинос карда будааст. Ман бо Миршакар ҳам бо воситаи Мирзо шинос шудам».

Ҳар як шоир ва нависанда дорои сабку услуби ба худ хос мебошад ва диққати онҳоро гоҳо бештар ягон мавзуи мушаххасе зиёдтар ҷалб мекунад. Дар бораи Мирзо Турсунзода ҳаминро метавон гуфт, ки бебаҳс, ӯ шоири сулҳсаро ва тараннумгари дӯстию бародарӣ будааст, вале мавқеъ, озодию комилҳуқуқии занон ва дар радифи мардон фаъолият намудани онҳо ва бозтоби симои зан дар ашъори шоир низ ҷойгоҳи вижа дорад. Фарҳанги волои муносибат бо занон ва таваҷҷуҳи махсусе, ки Мирзо Турсунзода ба онҳо доштааст, дар сартосари каломи шоир мушоҳида мешавад.

Дар ин ҷо мо аз таҳлилу баррасии ашъори шоир, ки ба мавзуи зан-модар бахшида шудааст, худдорӣ намуда, танҳо ба ёддоштҳои адиби бузург Чингиз Айтматов ишора менамоем: «Вақти гап задан дар бораи занон хеле боназокат буд. Дар ин мавзуъ бо назокати тамом ва бо фасоҳати шоирона гап мезад ва ба тарзи мароқангезе фикр меронд. Ба назарам, ин ҷиҳати сазовори тақдире мебошад. Бисёр занон вайро барои ҳамин парастишкорона ҳурмат мекарданд, ки ӯ бо суханон, бо муомилаву рафтор ва бо маданияти ботинии худ дар дили онҳо роҳ меёфт ва шӯр меангехт».

Дар равобити адабии миллатҳои гуногун тарҷумаи осори бадеӣ нақши муассир дорад. Тарҷумаи бадеӣ асоситарин воситаест, ки миллатҳои гуногун аз адабиёту фарҳанги ҳамдигар баҳра мебаранд. Чингиз Айтматов, ҳамчунин, нукоти куллии тарҷумаи осори Мирзо Турсунзодаро ба забони русӣ матраҳ намуда, дар ин замина, андешаҳои ҷолиб ва тоза баён намудааст: «Дар бораи назми Мирзо Турсунзода гуфтан мехоҳам, ки на ҳамаи гуфтаҳои вай, чунон ки бояду шояд, тарҷума карда шудаанд. Баъзан, дар тарҷумонҳо воситаи ифода камӣ мекунад, онҳо маҳорати кофӣ ва қобилияти даркориро надоранд. Баъзан, мотивҳои хеле публитсистӣ, соф граждании диққати тарҷумонҳоро ҷалб мекунад. Аммо дар айни замон, тарҷумаҳои хеле муваффақиятнок ҳам ҳастанд, ки шеърияти Мирзоро ба хонандагони соҳиби забонҳои дигар дастрас мегардонанд».

Дар ин хусус бояд зикр намуд, ки мутарҷимини тоҷик низ дар ҷараёни тарҷумаи асарҳои Чингиз Айтматов ба забони тоҷикӣ ба муваффақиятҳои назаррас ноил шудаанд ва хушбахтона, ба воситаи онҳо хонандаи тоҷик асарҳои оламшумули Чингиз Айтматов «Ҷамила» (1960), «Роҳи Каҳкашон» (1965), «Рӯбарӯшавӣ» (1965), «Алвидоъ, Гулсарӣ!» (1978), «Киштии сафед» (1978, 1984), «Дуроҳаи бӯронӣ» (1985), «Нахустин устод» (1988), «Пораабри сафеди Чингизхон» (2004), «Қиёмат» (2006), «Вақте ки кӯҳҳо сукут мекунанд» (2009) ва ғайраро мутолаа намудаанд.

Хулоса, Мирзо Турсунзода дар шинохти Чингиз Айтматов донандаи хуби адабиёти оламшумули форсии тоҷикӣ, посдорандаи забони нобу ширин ва шевову равони тоҷикӣ, аслҳои фарҳангию ҳунарӣ ва урфу одатҳои неки тоҷикӣ будааст, ки маҳз ҳамин унсурҳо ҳамроҳ бо фитрату сиришти азалӣ шахсияти инсонӣ ва эҷодии шоирро шакл додаанд. Аз нигоҳи Чингиз Айтматов устод Мирзо Турсунзода дили поку беолоиш дошта, ростқавлу росткирдор, поквиҷдон, сухандону кушодазабон, дурандешу ояндангар, дастгиру роҳнамо ва ғамхори истеъдодҳои ҷавон буда, дар муносибат ба атрофиён, махсусан занон, рафторҳои хубу родмардона доштааст. Аз ин лиҳоз, маҷмуи хислатҳои мазбур устод Мирзо Турсунзодаро дар тасаввури Чингиз Айтматов ба ҳайси «инсони беназир» (таъбири Чингиз Айтматов) ҷилвагар сохтааст.

**Зебунисо БОБОАЛИЕВА,**
**н.и.ф., дотсент, муовини ректор оид ба тарбияи ДБЗТ ба номи Сотим Улуғзода**

# ДИҚҚАТ, ОЗМУН!

**ХАДАМОТИ НАЗОРАТИ ДАВЛАТИИ МЕЪМОРӢ ВА СОХТМОНИ КУМИТАИ МЕЪМОРӢ ВА СОХТМОНИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ИШҒОЛИ МАНСАБҲОИ ХОЛИИ МАЪМУРИИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ ЗЕРИН ОЗМУН ЭЪЛОН МЕНАМОЯД:**

- сармутахассиси хадамот дар минтақаи НБО «Роғун» (1 ҷой), маоши мансабӣ - 2099,60 сомонӣ;
- мутахассиси пешбари гурӯҳи озмоишии хадамот (1 ҷой), маоши мансабӣ - 1716,80 сомонӣ;
- мутахассиси пешбари хадамот дар шаҳри Душанбе (1 ҷой), маоши мансабӣ - 1716,80 сомонӣ;
- мутахассиси пешбари хадамот дар минтақаи НТҶ (1 ҷой), маоши мансабӣ - 1716,80 сомонӣ;
- мутахассиси пешбари хадамот дар минтақаи Кӯлоб (1 ҷой), маоши мансабӣ - 1716,80 сомонӣ;
- мутахассиси пешбари хадамот дар ВМКБ - (1 ҷой), маоши мансабӣ - 1415,20 сомонӣ;
- мутахассиси хадамот дар минтақаи Бохтар - (1 ҷой), маоши мансабӣ - 1415,20 сомонӣ.

**Барои иштирок дар озмун ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

1. Ариза ба унвони сардори Хадамоти назорати давлатии меъморӣ ва сохтмони Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
2. Варақаи шахсӣ
3. Тарҷумаи ҳол
4. Сурати 3х4 (4 дона)
5. Нусхаи шиносномаи шаҳрвандӣ
6. Нусхаи диплом (бо варақааш)
7. Нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ
8. Нусхаи ақди никоҳ
9. Маълумотнома аз нозироти андоз (ИНН)
10. Маълумотнома дар бораи даромад ва вазъи молу мулк (эъломияи №411, №412)
11. Маълумотнома оид ба вазъи саломатӣ
12. Маълумотнома оиди надоштани доғи судӣ
13. Нусхаи билети ҳарбӣ
14. Маълумотнома аз ҷойи истиқомат
15. Маълумотномаи шахсӣ (СИВИ)
16. Донистани забонҳои русӣ, англисӣ ва дигар забонҳои байналмилалӣ.

Ҳуҷҷатҳои довталабон дар давоми 21 рӯз аз санаи нашри эълон қабул карда мешаванд.

**Суроғаи қабули ҳуҷҷатҳо:** шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҳусейнзода 34.

**Телефон барои маълумот:** +992 223-06-96.

# СПЕЦИАЛЬНОЕ УВЕДОМЛЕНИЕ О ЗАКУПКАХ

**Запрос предложений**
**(ПРОЦЕСС ОДНОКОНВЕРТНЫХ ТОРГОВ)**

**Страна:** Таджикистан

**Название проекта:** Проект раннего развития детей с целью наращивания человеческого капитала в Таджикистане

**Название контракта:** Лот 1: «Закупка и распределение мебели для центров раннего обучения (ЦРОД)»;

**Лот 2:** «Закупка и распределение учебно-методические материалы (УММ)

**Грант №:** D607-TJ

**Ссылка на ПУТ:** MOF/ECDP/RFB/025/2

1. Группа реализации Проекта раннего развития детей с целью наращивания человеческого капитала в Таджикистане при Министерстве финансов Республики Таджикистан, являющегося исполнительным Агентством Проекта, получил финансирование со стороны Всемирного банка в счет стоимости Проекта раннего детей с целью наращивания человеческого капитала в Таджикистане, Грант D607-TJ и намеревается применить часть средств для осуществления выплат по контрактам

**Лот 1:** «Закупка и распределение мебели для центров раннего обучения (ЦРОД)»; Лот 2: «Закупка и распределение учебно-методические материалы (УММ).

2. Группа реализации Проекта раннего развития детей с целью наращивания человеческого капитала в Таджикистане при Министерстве финансов Республики Таджикистан, настоящим приглашает правомочных участников торгов к подаче запечатанных конкурсных предложений на: Лот 1: «Закупка и распределение мебели для центров раннего обучения (ЦРОД)»; Лот 2: «Закупка и распределение учебно-методические материалы (УММ).

3. Все объекты ремонта ЦРОД предусматривают средний ремонт для обеспечения нормальных условий функционирования объекта, включая демонтаж и установку новых электрических проводов, замену трубопроводов, демонтаж и установку внутренних отделок стен, потолков и полов и т.д.

4. Участники торгов могут подавать конкурсные предложения по одному или нескольким контрактам, как это дополнительно определено в тендерной документации. Участники торгов, желающие предложить скидки в случае присуждения более одного контракта, могут сделать это при условии, что эти скидки включены в письмо с конкурсным предложением.

5. Торги будут проводиться в рамках национальных конкурсных закупок с использованием Приглашения к участию в торгах (ПУТ), как указано в Руководстве по закупкам товаров, работ и неконсультационных услуг заемщиками Всемирного банка по займам МБРР и кредитам и грантам МАР опубликованный «Правила закупок для заемщиков ФИП» Всемирного банка (июль 2016 года, пересмотренные в сентябре 2023 года) - Закупки в рамках финансирования инвестиционных проектов товары, работы, неконсультационные и консультационные услуги)», и открыты для всех участников торгов, как это определено в Положениях о закупках.

6. Заинтересованные правомочные участники торгов могут получить дополнительную информацию от г-на Маджиди Юсуфа Хайрулло Директора Группы реализации Проекта раннего развития детей с целью наращивания человеческого капитала в Таджикистане, по адресу эл. почты info@ecdp.tj и ознакомиться с тендерной документацией в рабочее время. с 09:00 до 17:00 по указанному ниже адресу: г. Душанбе, ул. Шероз 35, 7-ой этаж здания Министерства финансов Республики Таджикистан. Тендерная документация на русском языке может быть приобретена заинтересованными правомочными участниками торгов после подачи письменной заявки по указанному ниже адресу на безвозмездной основе.

7. Конкурсные предложения должны быть доставлены по указанному ниже адресу: улица Шотемур 27, Государственный комитет по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан, отдел по закупкам. Тендерный ящик № 1, город Душанбе, Республика Таджикистан, не позднее 8 апреля 2025 г., 15:00 по местному времени.

8. Конкурсные предложения будут вскрыты публично в присутствии назначенных представителей участников торгов и всех тех, кто пожелает присутствовать, по указанному ниже адресу: улица Шотемур 27, Государственный комитет по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан, отдел по закупкам, город Душанбе, Республика Таджикистан 8 апреля 2025 г., 15:00 по местному времени.

Электронные торги не будут разрешены. Запоздалые заявки будут отклонены.

9. Все конкурсные предложения должны сопровождаться Гарантией обеспечения конкурсного предложения: Лот 1: 142 000,00 сомони; Лот 2: 70 000,00 сомони.

10. «Обращается внимание на Положения о закупках, требующие от заемщика раскрывать информацию о бенефициарном владении победившего участника торгов в рамках уведомления о присуждении контракта, используя Форму раскрытия информации о бенефициарной собственности, включенную в тендерный документ.» – не применимо.

11. Упомянутый выше адрес(а):

Офис: Группы реализации Проекта раннее развитие детей с целью наращивания человеческого капитала в Таджикистане.

**Имя и должность сотрудника:** Маджиди Ю.Х. Директор ГРП РРД.

**Адрес**: ул. Шероз 35, 7-ой этаж здания Министерства финансов РТ, г. Душанбе, Республика Таджикистан.

**Электронной почты:** info@edcp.tj
**Веб-сайта:** Ecdp.tj

# СПЕЦИАЛЬНОЕ УВЕДОМЛЕНИЕ О ЗАКУПКАХ

**Запрос предложений**
**(ПРОЦЕСС ОДНОКОНВЕРТНЫХ ТОРГОВ)**

**Страна**: Таджикистан

**Название проекта:** Проект раннего развития детей с целью наращивания человеческого капитала в Таджикистане

**Название контракта:** Строительство 12 новых центров раннего обучения (ЦРОД):

Лот 1 – район Варзоб (3 ЦРОД);
Лот 2 – район Кубодиен (2 ЦРОД);
Лот 3 – район Дусти (4 ЦРОД);
Лот 4 – район Вахш (3 ЦРОД).

**Грант №:** D607-TJ

**Ссылка на ПУТ:** MOF/ECDP/RFB/024/8

1. Группа реализации Проекта раннего развития детей с целью наращивания человеческого капитала в Таджикистане при Министерстве финансов Республики Таджикистан, являющегося исполнительным Агентством Проекта, получил финансирование со стороны Всемирного банка в счет стоимости Проекта раннего развития детей с целью наращивания человеческого капитала в Таджикистане, Грант D607-TJ и намеревается применить часть средств для осуществления выплат по контрактам: Строительство 12 новых центров раннего обучения детей (ЦРОД): Лот 1 – район Варзоб (3 ЦРОД); Лот 2 – район Кубодиен (2 ЦРОД); Лот 3 – район Дусти (4 ЦРОД); Лот 4 – район Вахш (3 ЦРОД).

2. Группа реализации Проекта раннего развития детей с целью наращивания человеческого капитала в Таджикистане при Министерстве финансов Республики Таджикистан, настоящим приглашает правомочных участников торгов к подаче запечатанных конкурсных предложений на: Лот 1 – район Варзоб (3 ЦРОД); Лот 2 – район Кубодиен (2 ЦРОД); Лот 3 – район Дусти (4 ЦРОД); Лот 4 – район Вахш (3 ЦРОД).

3. Все объекты ремонта ЦРОД предусматривают средний ремонт для обеспечения нормальных условий функционирования объекта, включая демонтаж и установку новых электрических проводов, замену трубопроводов, демонтаж и установку внутренних отделок стен, потолков и полов и т.д.

4. Участники торгов могут подавать конкурсные предложения по одному или нескольким контрактам, как это дополнительно определено в тендерной документации. Участники торгов, желающие предложить скидки в случае присуждения более одного контракта, могут сделать это при условии, что эти скидки включены в письмо с конкурсным предложением.

5. Торги будут проводиться в рамках национальных конкурсных закупок с использованием приглашения к участию в торгах (ПУТ), как указано в руководстве по закупкам товаров, работ и не-консультационных услуг заемщиками Всемирного банка по займам МБРР и кредитам и грантам МАР опубликованный «Правила закупок для заемщиков ФИП» Всемирного банка (июль 2016 года, пересмотренные в сентябре 2023 года) - Закупки в рамках финансирования инвестиционных проектов товары, работы, неконсультационные и консультационные услуги)», и открыты для всех участников торгов, как это определено в Положениях о закупках.

6. Заинтересованные правомочные участники торгов могут получить дополнительную информацию от г-на Маджиди Юсуфа Хайрулло Директора Группы реализации Проекта раннего развития детей с целью наращивания человеческого капитала в Таджикистане, по адресу эл. почты info@ecdp.tj и ознакомиться с тендерной документацией в рабочее время. с 09:00 до 17:00 по указанному ниже адресу: г .Душанбе, ул. Шероз 35, 7-ой этаж здания Министерства финансов Республики Таджикистан. Тендерная документация на русском языке может быть приобретена заинтересованными правомочными участниками торгов после подачи письменной заявки по указанному ниже адресу на безвозмездной основе.

7. Конкурсные предложения должны быть доставлены по указанному ниже адресу: улица Шотемур 27, Государственный комитет по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан, отдел по закупкам. Тендерный ящик № 1, город Душанбе, Республика Таджикистан, не позднее 8 апреля 2025 г., 15:00 по местному времени.

8. Конкурсные предложения будут вскрыты публично в присутствии назначенных представителей участников торгов и всех тех, кто пожелает присутствовать, по указанному ниже адресу: улица Шотемур 27, Государственный комитет по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан, отдел по закупкам, город Душанбе, Республика Таджикистан **8 апреля 2025 г., 15:00 по местному времени.**

Электронные торги не будут разрешены. Запоздалые заявки будут отклонены.

9. Все конкурсные предложения должны сопровождаться гарантией обеспечения конкурсного предложения:
MOF/ECDP/RFB/024/8 (Лот-1): 48 000,00 сомони;
MOF/ECDP/RFB/024/8 (Лот-2): 44 000,00 сомони;
MOF/ECDP/RFB/024/8 (Лот-3): 57 000,00 сомони;
MOF/ECDP/RFB/024/8 (Лот-4): 47 000,00 сомони.

10. «Обращается внимание на Положения о закупках, требующие от заемщика раскрывать информацию о бенефициарном владении победившего участника торгов в рамках уведомления о присуждении контракта, используя форму раскрытия информации о бенефициарной собственности, включенную в тендерный документ.» – не применимо.

11. Упомянутый выше адрес(а):

Офис: Группы реализации Проекта раннее развитие детей с целью наращивания человеческого капитала в Таджикистане.

Имя и должность сотрудника: Маджиди Ю.Х. Директор ГРП РРД.

**Адрес:** ул. Шероз 35, 7-ой этаж здания Министерства финансов РТ, г. Душанбе, Республика Таджикистан.

**Электронной почты:** info@edcp.tj.
**Веб-сайта:** Ecdp.tj.

# ҶДММ «ТАШКИЛОТИ СУҒУРТАВИИ ИТМИНОН»

ҶДММ «Ташкилоти суғуртавии Итминон» 12 сол пеш дар бозори суғурта пайдо шуда, дар ин муддат аз як ширкати хурди суғурта ба суғуртакунандаи бонуфузи универсалӣ табдил ёфт.

Рӯйдодҳои асосие, ки вақтҳои охир дар ҶДММ «Ташкилоти суғуравии Итминон» ба амал омаданд, ҷорӣ намудани технологияҳои нав, равандҳои нави бизнес ва стандартҳои суғуртаи аврупоӣ мебошанд.

Ҳамаи ин, бешубҳа, ба сифати хизматрасониҳои мо ва арзиши онҳо таъсир мерасонад. Мо ба он мекӯшем, ки саҳми бештарро дар бозори хизматрасониҳои суғурта ба даст орем ва рушдро идома диҳем. Имрӯз метавонем бо итминони комил бигӯем, ки ҶДММ «Ташкилоти суғуртавии Итминон» дар бозори суғуртаи Тоҷикистон мавқеи устувор дорад. Сармояи назарраси оинномавии ширкат имкон медиҳад, ки сатҳи баланди эътимоднокӣ нигоҳ дошта, ҶДММ «Ташкилоти суғуртавии Итминон» дар қатори беҳтарин ширкатҳои суғуртаи Тоҷикистон ҷойгир бошад.

ҶДММ «Ташкилоти суғуртавии Итминон» 11 намуди суғуртаро барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ пешниҳод менамояд. Омили муҳими устувории молиявии ширкат сифати баланди ҳифзи азнавсуғуртакунӣ буда, ҶДММ «Ташкилоти суғуртавии Итминон» бо бузургтарин ширкатҳои азнавсуғуртакунии байналмилалӣ ҳамкорӣ мекунад.

Бартарии асосии рақобатпазирии ширкат сатҳи сармояи он аст. Дар бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҶДММ «Ташкилоти суғуртавии Итминон» яке аз ширкатҳои суғуртавии сармоядортарин ба шумор меравад.

Пардохти зуд, ростқавлӣ ва бодиққат нисбат ба ҳар як муштарӣ қоидаҳои асосие мебошанд, ки ҶДММ «Ташкилоти суғуртавии Итминон» риоя мекунад. ҶДММ «Ташкилоти суғуртавии Итминон» мизоҷони худро қадр мекунад.

Бо мақсади татбиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» ҶДММ «Ташкилоти суғуртавии Итминон» ба шакли ғайринақдӣ ба фаъолият шурӯъ кард.

**Пардохт бо корти кредитӣ**

Кортҳо метавонанд дебетӣ ё кредитӣ бошанд. Дар ҳар ду ҳолат харидори полиси суғурта маблағи заруриро аз суратҳисоби бонкӣ ба суғуртакунанда мегузаронад. Ҳангоми пардохт бо корти дебетӣ, ирсолкунанда аз ҳисоби худ маблағро истифода мебарад ва бонк танҳо ҳамчун миёнарав баромад мекунад. Пардохти корти кредитӣ истифодаи маблағҳои қарзӣ мебошад, ки аз ҷониби як муассисаи молиявӣ ба харидор қарз дода мешавад.

Истифодабарии корт қулай мебошад: дорандаи он бо истифода аз корти пластикӣ ба бонк дастур медиҳад, ки аз ҳисоби худ маблағи заруриро ба суратҳисоби фурӯшанда фиристад. Пардохт бо корт тавассути касса, терминали пардохт, коди QR, тавассути интернет ё барномаи SBPay гузаронида мешавад.

**Пардохти SMS**

Бо ин усул маблағҳо аз тавозуни телефони мобилии пардохткунанда ситонида мешаванд. Барои ин харидор ба рақами кӯтоҳ паём мефиристад. Ин тарз барои пардохти маҳсулоти рақамӣ бо чеки хурд истифода мешавад. Ба ғайр аз харидор ва фурӯшанда, занҷири хариди SMS - оператори мобилӣ ва дар баъзе мавридҳо зерагрегаторро дар бар мегирад. Ҳар як иштирокчии занҷир комиссияи худро мегирад, аз ин рӯ, ин шакли пардохт барои ҳама мувофиқ нест.

**Ҳамёни электронӣ**

Барои пардохти ин роҳ ба шумо лозим нест, ки муштарии бонк бошед: ҳамёни рақамӣ ба суратҳисоби онлайн табдил меёбад, ки ба он пули электронӣ гузошта мешавад. Онро бо пули нақд тавассути терминал, аз суратҳисоби бонкӣ ё аз ҳисоби телефони мобилӣ пур кардан мумкин аст. Пулҳои электронӣ бо пули ҳақиқӣ таъмин карда мешаванд, эмитент қобилияти иваз кардани онро ба пули муқаррарӣ дар вақти дилхоҳ кафолат медиҳад.

Соҳиби ҳамён метавонад онлайн пардохт кунад, ба ҳамёни дигар маблағ фиристад, ба корт гузаронад ё дар тавозун нигоҳ дорад. Системаи пардохти электронӣ амниятро таъмин ва интиқолҳоро назорат мекунад, аммо наметавонад аз ҳисоби бақия фоиз ситонад.

Пардохт бо пули электронӣ танҳо дар сурате қонунӣ аст, ки агар яке аз тарафҳои муомилот - пардохткунанда ё гиранда шахси воқеӣ бошад. Тибқи қонун ширкатҳо ва соҳибкорон ҳақ надоранд бо ҳам бо ин тариқ ҳисобу китоб кунанд.

**Афзалиятҳои пардохтҳои ғайринақдӣ:**

✓ **Бо истифода аз корти бонкӣ идора кардани хароҷот осонтар аст.**

Баҳисобгирии хароҷот талаботи асосии идоракунии буҷет мебошад, аммо ин кори осон нест. Агар шумо ҳангоми пардохти пули нақд хароҷоти худро дар дафтар сабт кунед, пас дар пардохтҳои ғайринақдӣ тамоми амалиёти корт ба таври худкор сабт карда мешавад. Бо истифода аз корти бонкӣ сарфа кардани маблағ низ қулай аст. Ҳамаи ин амалҳоро дар SMS-паёми ба корти бонкӣ пайвастшуда, инчунин тавассути хидматрасонии Интернет-Банк ва Мобайл-Банк дидан мумкин аст.

✓ **Ҳифзи пул дар корти бонкӣ осонтар аст**

Агар шумо пулро дар ҳамён ё ҷайби худ нигоҳ доред, он метавонад дуздида шавад. Аммо агар шумо танҳо корти бонкӣ дар ҷайбатон дошта бошед, ҳатто агар он дуздида шавад ҳам, он метавонад, фавран баста шавад ва он ба як корти муқаррарӣ табдил меёбад.

✓ **Дурустии пардохт**

Вақте ки шумо корти худро ба терминали пардохт ворид мекунед, шумо он чизеро пардохт мекунед, ки дар касса нишон дода шудааст. Дар чунин ҳолатҳо шумо худро дар вазъияте намеёбед, ки фурӯшанда пулатонро барнагардонад ва ғайра.

✓ **Покизагӣ**

Пулҳои нақдӣ (коғазӣ) метавонанд бактерия дошта бошанд, зеро он аз даст ба даст мегузарад, аммо ҳангоми истифодаи пардохтҳои ғайринақдӣ ин имкон хеле кам аст, зеро корти бонкиро танҳо соҳиби он истифода мебарад.

✓ **Сарфаи вақт**

Барои рафтан ба банкомат ва гирифтани пул аз корти бонкӣ вақти беҳуда сарф кардан лозим нест. Шумо метавонед бо истифода аз корти бонкӣ дар ҳама гуна терминалҳои пардохт барои мол ва хидматҳо пардохт кунед.

✓ **Имконияти хариди онлайн**

Бо корти бонкии худ шумо метавонед на танҳо аз тариқи терминалҳои пардохт, балки тавассути интернет ҳам ҳаққи молу хидматҳоро пардохт кунед. Масалан, шумо метавонед дар як мағозаи онлайн маҳсулоти тахфифшударо бинед ва шумо метавонед бо истифода аз корти бонкии худ аз ин тахфифҳо истифода баред.

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишгоҳи славянии Россия - Тоҷикистон соли 2023 ба Саидов Сунатулло Давлашоевич додааст, эътибор надорад.

Сертификати гумшудаи ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи А №011204, ки онро Кумитаи замини Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти қайди 1192 ба Лолаев Мавлон дар асоси қарори раиси ноҳияи Ленин барои истифодаи меросии якумра додааст, эътибор надорад.

Аттестат дар бораи таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №8-и ноҳияи Темурмалик соли 2016 бо силсилаи Т-АТУ № 0297344 ба Қурбонзода Фараҳбахш додааст, бинобар тағйир ёфтани ному насаб ва номи падар ба Бозоров Фараҳбахш Нуридинович, эътибор надорад.

Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишгоҳи славянии Россия Тоҷикистон соли 2024 ба Юсупов Имрон Илҳомҷонович додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшуда дар бораи бақайдгирии давлатӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Норак 10 январи соли 2022 таҳти қайди №3680 бо суроғаи вилояти Хатлон, шаҳри Норак, минтақаи манзилии №1, кӯчаи Ш. Юсуфов, қитъаи замин барои минтақаи истироҳатӣ ва биноИ истиқоматӣ ба Маҳмадов Беҳрӯз Раҷабович додааст, эътибор надорад.

Билети ҳарбии гумшудаи силсилаи ҶТ №0083542, ки онро Комиссариати ҳарбии ноҳияи Рӯдакӣ 8 феврали соли 2023 ба Шоимов Раҳмон Исломиддинович додааст, эътибор надорад.

Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон соли 2024 ба Нурзода Сиёвуш Сироҷидин додааст, эътибор надорад.

Аттестати гумшудаи хатми синфи нуҳуми силсилаи АБ_074882 ки онро Муассисаи давлатии «Гимназия-парваришгоҳи ба номи Бобоҷон Ғафуров»-и ноҳияи Рӯдакӣ соли 2001 ба Мирова Дилбар Курбановна додааст эътибор надорад

Эълони нашршуда («Садои мардум» №28 аз 3 марти соли 2025) Шиносномаи гумшудаи шаҳрвандии силисилаи А04797821, ки онро ШВКД-2 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 1 марти соли 2023 ба Туева Нигора Хуршедовна додааст, эътибор надорад.

Аттестати гумшудаи силсилаи Т-АТА №0060236, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №94-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 1 июни соли 2005 ба Мирзошоева Шаҳноз Раҳимшоевна додааст, эътибор надорад.

Аттестати гумшудаи силсилаи Т-АТУ №0031788, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №30-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе соли 2006 ба Давлатназаров Озод Гулназарович додааст, эътибор надорад.

Дафтарчаи гумшудаи меҳнатӣ, мутааллиқ ба Сатторов Рустам Абдураҳимович, эътибор надорад.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

ҶДММ «Ҷаҳбаров» (РЯМ 6010006750), ки онро Нозироти андоз дар шаҳри Панҷакент 17 ноябри соли 2022 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоятҳо давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

ҶДММ «Роҳҳои ҳавоии Тоҷикистон» (РМА 010102820), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

ҶДММ «Оши Умарако» (РМА 020059699, РЯМ 0210033515), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 13 майи соли 2024 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

Садои мардум
Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Бахтовар КАРИМЗОДА

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев,*
*Далер Абдулло,*
*Ориф Ёдгоров,*
*Шариф Атобуллоев,*
*Фарзона Файзалиева*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ-16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари хабарнигорони минтақавӣ 238-53-56; муовин 238- 54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сиёсат ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисод 238-58-91; муҳаррири шуъбаи фарҳанг ва иҷтимоӣ 238-58-93; муҳаррири шуъбаи ахбор 238-52-97; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорони минтақавӣ дар ВМКБ 93-355-51-03; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; ШНТҶ 918-68-40-17.

**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj
**ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 14 марти соли 2025, соати 14:30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 34620 нусха*

Навбатдори шумора Г. Раҳмонова

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97